«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х. ____________________
«_24_» _02_______ соли 2021

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо» дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи омода намудани диссертатсия аз соли 2016 то соли 2019 Азимӣ Саломат докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Азимӣ Саломат соли 1989 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро ба ҳайси бакалавр ва соли 2015 Донишгоҳи Паёми Нури Ҷумҳурии Исломии Эронро ба ҳайси магистри ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ – Шарипов Тақдиршоҳ Шарипович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки Афғонистон кишварест, ки зиёда аз чил сол боз ноамнӣ ва ҷанги хонумонсӯз онро фаро гирифтааст. Бар асари ин ноороміҳо фақр, бечорагӣ, ҷаҳлу бесаводӣ домангири насли ин сарзамин гаштааст. Бо ин

сабабҳо ҷинояту ҷинояткорӣ дар ҷомеа рушд намуда, зулму ситам афзун гардидааст. Дар ин шароит ҳокимияти марказӣ салоҳияти худро қисман аз даст дода, дар натиҷа аҳли ҷомеа имкони ба меъёрҳои Шариат ва урфу одатҳои анъанавӣ баргаштанро пайдо намуд. Дар ин асос ҷинояткорон мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии мусулмонӣ мавриди татбиқи ҷазо қарор гирифта, ба онҳо ҷазоҳои ҷисмонӣ, аз қабили сангсор, буридани дасту пой ё дигар навъҳои узвмаъюбкунӣ, ки дар Қуръон ва дигар манбаъҳои шаръӣ зикр шудаанд, татбиқ карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки бознигарии қонунгузории ҷиноятӣ яке аз уҳдадориҳои давлати Афғонистон дар Конфронси Лондон буд, ки ба асоси он тарҳи **КҶ ҶИА** аз он замон то кунун ба унвони яке аз авлавиятҳои Афғонистон дар чорчӯби таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ қарор дошт. Бо дарназардошти ин 2 марти соли 2017 Кодекси ҷазои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (минбаъд – **КҶ ҶИА**) қабул гардид, ки он аз ду китоб ва шонздаҳ боб (китоби аввал дорои чаҳор боб ва китоби дувум, дорои дувоздаҳ боб) ва ҳар боб дорои фаслҳо буда дарбаргирандаи 940 модда мебошад. Тибқи ҳукми м. 3-и **КҶ ҶИА** аҳкоми марбути ҷиноятҳо ва ҷазоҳои таъзирӣ дар он танзим шуда, ҷиноятҳои дарбаргирандаи ҷазоҳои ҳад (ҳудуд), қассос ва дийат, ки аз ҷумлаи ҷазоҳои шаръӣ аст, дар асоси фиқҳи ҳанафии Шариати Ислом танзим мегардад.

Дар **КҶ ҶИА** инкишофи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки дар солҳои охир сурат гирифта, дар сатҳи байналмилалӣ ба ҳайси меъёрҳои қобили риоят пазируфта шудааст, madди назар гирифта шуда, барои ҳар ҷиноят таъриф пешниҳод шавад ва ё ҳадди ақал аломатҳои он зикр ёфта, ҳуқуқи ҷазо монанди принсипи таносуби ҷиноят ва ҷазо, принсипи риояти каромати инсонӣ, принсипи шахсӣ ва фардӣ будани ҷазо ва дигар принсипҳо бояд тасреҳ ва риоя гардад.

Дар ин замина таҳқиқ ва истиқрори адолат, таъмини ҳуқуқу озодиҳои асосии аъзои ҷомеа, пойдории низом ва амният дар ҷомеа,

пешгирӣ аз содир намудани ҷиноятҳо, инчунин бархӯрд бо ҷиноятკорӣ ва вайронкунандагони қонун аз амалҳои аслии муассисаҳои зисалоҳ дар танзими муносибатҳои муайян дар фаъолияти иҷтимоӣ мебошад. Ҳамаи ин меъёрҳо ба таҳқиқи маҷмӯӣ ниёз дошта, зарурати омӯзиши тавсифи таърихи пайдоиши онҳо, таъсири онҳо ба вазъи кунунии қонунгузории ҷиноятии Афғонистон ва роҳҳои ташаккули онро ба миён меорад.

Дар умум ин омилҳо аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он дарак медиҳанд, ки мақсади он тибқи объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ дуруст муайян карда шуда, барои интихоби мундариҷа ва сохти дурусти кор мусоидат намудааст. Диссертатсия кори илмиии анҷомёфта буда, дар он ҳамаи вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои пазируфташуда, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ пешбарӣ шудаанд, асоси назариявии диссертатсияро ташкил дода, барои асоснок намудани мавқеи муаллиф заминаи кофии илмӣ гузоштаанд. Заминаи методологии диссертатсия барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таҳқиқот мусоидат намудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аввалин кӯшишҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ дар самти таҳқиқи институтҳои асосии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон – ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо дар асоси таҳлили равандҳои муосири қонунгузорӣ ва ҷалби доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти қонунгузории нави ҷиноятии ин кишвар ва дастовардҳои илмӣ дар ин самт оид ба табиати ҳуқуқии институтҳои ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ба иҷро расидааст.

Дар диссертатсия вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷиноятკорӣ дар самти таҳлили институтҳои асосии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон масоили зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

– таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Афғонистон бо

дарназардошти махсусиятҳои онҳо;

– баррасии урфу одат, анъанаҳои қавмӣ ва таъсири он ба ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятии муосири Афғонистон;

– таҳлили шариати исломӣ ва шаклҳои таъсиррасонии он ба ҳуқуқи ҷиноятии Афғонистон;

– таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Афғонистон ва таносуби онҳо;

– баррасии низоми муосири ҳуқуқи ҷиноятии Афғонистон;

– таҳлили институти ҷиноят ва аломатҳои он мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Афғонистон;

– баррасии масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Афғонистон;

– таҳлили институти ҷазо ва дигар чораҳои бехатраӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Афғонистон;

Ғайр аз ин навоварии илмии диссертатсия дар натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асосёфтаи муаллиф оид ба банду басти ин ҷиноят бо дарназардошти воқеияти имрӯзаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардида, баҳри такмили қонунгузории ҷиноятии ҶИА равона гардидааст.

**Тадқиқоти анҷомдодашуда имконият медиҳад, ки нуқтаҳои зерини илмӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:**

1. Таъсири урфу одат ва анъанаҳои қавмӣ дар баъзе манотиқи Афғонистон то ба имрӯз аксаран мушоҳида мегардад, ки баъд аз вуқӯи як ҳодисаи ҷиноятӣ шахси ба ҳайси ҷабрдида ба мақомоти дахлдор бидуни урфу одат ва таомулоти ҷазоии он минтақа мурочиаткунада аз ҷониби дигарон ба ҳайси як шахси бешаҳомат шинохта мешавад. Дар ин маврид дар Афғонистон аз сабаби набуди қонунҳои ҷиноятие, ки муттаҳидкунандаи урфу одат, меъёрҳои шариат ва таъзириро бошад, дар ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ гардида, таъсири манфии худро ба ҷабрдидадагон ва аҳли ҷомеа мерасонад,онҳо дорои нуқсонҳои зиёд буда, ҳаллу фасли низоъҳои ҷиноятӣ дар даврони

нав бар асоси урфу одат ва анъанаҳои қавмӣ бо бисёре аз принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии муосир ҳамоҳангӣ надошта, боиси мутлақияти худкомагӣ ва худсарии ашхоси татбиқкунандаи онҳо гардидааст. Бинобар ин, дар даврони муосир масъалаҳои кирдорҳои ҷиноятӣ мутобиқи принсипҳо, қоидаҳо ва дастурҳои ҳуқуқи ҷиноятии муосир бояд ҳаллу фасл гарданд.

2. Ҳуқуқи урфӣ – қонун танҳо дар бораи масоили иҷтимоӣ нест. Ба ғайр аз дигар масоили сершумори муҳими иҷтимоӣ, дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи урфӣ амалҳое, ки хусусияти зараровар доштанд, баррасӣ мегардиданд. Ҳуқуқи урфии қавмҳо низоми аниқ таҳияшудаи кирдорҳоеро, ки аз рӯйи тартиби дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир қабулшуда манъ ва ҷазо дода мешаванд, дар бар намегирад. Ба ин нигоҳ накарда, таснифоти тахминии кирдорҳои хавфноки ҷамъиятиро дар меъёрҳои ҳуқуқи урфӣ як гуруҳ олимон онҳоро пайдо намуда, тақрибан ба се гуруҳ ҷудо намуданд. Аз он ҷумла:

1) ҷиноятҳои ба муқобили шахсият равонагардида (куштори бадқасдона, расонидани зарари ҷисмонӣ);

2) ҷиноятҳои ба муқобили молу мулки авлод, қавм ва аъзоёни алоҳидаи он равонагардида (тасарруфи молу мулк бо роҳҳои гуногун ва расонидани зарари гуногуни молу мулкӣ);

3) ҷиноятҳои ба муқобили обрӯ ва эътибори шахсият равонагардида (зинокорӣ, алоқа бо зани шавҳардор, таҳқир ва ғайра).

3. Хусусияти хоси сохти милливу давлатии Афғонистон дар он аст, ки дини ислом то имрӯз дар ҷомеаи ин кишвар эътибору қувваи муассир дорад. Тамоми қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ дар заминаи пайравии қатъӣ ба меъёрҳои ислом қабул карда мешаванд. Мутобиқи м. 3-и Қонуни асосии ҶИА дар Афғонистон ҳеҷ қонуне наметавонад мухолифи муътақидот ва аҳкоми дини муқаддаси Ислом бошад. Моддаи 2-и КҶ ҶИА муқаррар менамояд, ки муртакиби ҷароими ҳудуд, қисос ва диёт мутобиқи аҳкоми фиқҳи ҳанафии шариати ислом муҷозот мегардад. Аз

ин бармеояд, ки давлат тавассути қонунгузории ҷиноятӣ танҳо ҷиноятҳои таъзирӣ ва ҷазо барои онҳоро муқаррар мекунад. Бо дарназардошти ин, лоиқ дониста мешуд, ки қонунгузории ҷиноятии ҶИА на танҳо ҷиноятҳои таъзирӣ, инчунин масъалаи ҳудуд, дия ва қисосро низ мавриди танзими худ қарор медод.

4. Дар баъзе минтақаҳои Афғонистон аксаран ба мушоҳида мерасад, ки баъд аз вуқӯи як ҳодисаи ҷиноятӣ, шахсе, ки ба ҳайси ҷабрдида ба мақомоти дахлдор бидуни урфу одатҳо ва таомулоти ҷазоии он минтақа муроҷиат менамояд, аз ҷониби дигарон ба ҳайси як шахси бешаҳомат шинохта мешавад. Аксаран мардуми он ноҳияҳо тарҷеҳ медиҳанд, ки бар ивази муроҷиат ба мақомоти дахлдор беҳтар аст низоъҳояшон ба асоси урфу одат ва анъанаҳои қавмӣ ҳаллу фасл гардад.

5. Ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ ба асоси урфу одатҳо ва таомулоти ҷазоӣ, бори дигар моро ба тарафи асрҳои аввал бармегардонад, ки дар он давра бо сабаби набуди қонунҳои ҷиноятии муосир одатан дар ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ аз урфу одатҳо ва таомулоти ҷазоӣ истифода мешуд. Дар баробари ин, дигар, урфу одат ва анъанаҳои қавмӣ аксаран боиси рӯй кор шудани мутлақияти худкомагӣ ва худсарии ашхоси татбиққунандаи онҳо мегардид. Бинобар ин, дар асри кунунӣ беҳтар аст масъалаҳои кирдорҳои ҷиноятӣ мутобиқи принсипҳо, қоидаҳо ва дастурҳои ҳуқуқи ҷиноятии муосир ҳаллу фасл гардад.

Таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки санадҳои асосии ҳуқуқии ҷиноятии давлати Афғонистон ҳуқуқи урфӣ, шариат ва қонунгузории дунявӣ маҳсуб мешаванд. Вобаста ба ин, сохти санаду меъёрҳои болозикрро метавон бо тартиби зерин ҷойгир намуд:

1) қонунҳои ҷиноятӣ аз рӯйи мазуни воқеӣ:

а)қонунҳои ҷиноятии то воқеаҳои моҳи апрели соли 1978 қабул кардашуда (Қонун дар бораи қочоқ аз соли 1969, Қонун дар бораи ҷазо аз соли 1976; КҶ ҶИА аз соли 2017);

б) қонунҳои ҷиноятии баъд аз воқеаҳои моҳи апрели соли 1978 қабулгардида (Қонун дар бораи ҷазои ҳарбӣ аз соли 1986, Фармонҳои Президенти Шӯрои Инқилобӣ аз 14 декабри соли 1983 ва аз 9 декабри соли 1981 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба м. 93 ва 98 Қонун дар бораи ҷазо»);

2) меъёрҳои алоҳидаи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятии ҳамон қонунҳо ва декретҳое (то соли 1978 ва баъд аз он қабулшуда), ки гарчанде ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ тааллуқ дошта бошанд ҳам, вале ҳамзамон меъёрҳои ҳуқуқию ҷиноятии мустақили ба қонунҳои ҷиноятии гурӯҳи якум дохилнабударо дар бар мегиранд.

Маҷмӯи болозикри санадҳо қисмати дунявии қонунгузории ҷиноятии давлати Афғонистонро ташкил дода, бо сарварии шариат, Конститутсия аз соли 2004, КҶ ҶИА аз соли 2017 ва ҳуқуқи урфии қавмҳо сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятии муосири Афғонистон маҳсуб мешавад.

6. Қонунгузории ҷиноятии дунявии давлати Афғонистон дар замони муосир таснифоти сеқисмаи ҷиноятҳо (қабоҳат, ҷинҳа ҷиноят)-ро нигоҳ доштааст, ки вобаста ба шароитҳои ин кишвар мувофиқ ҳисобида мешавад. Чунин таснифот на танҳо ҷиҳати таъини ҷазо барои ҷинояти аллакай содиршуда, хотимаёфта, балки ба ҳаракатҳои таҷовузкунанда ба содиршавии ҷиноят низ таъсир мерасонад. Дар шарҳи расмии ҷиноят ва таснифоти сеқисмаи он, инчунин, ҳангоми ҳалли як қатор дигар масъалаҳо таъсири низоми ҳуқуқи континенталӣ, ки он ба шумораи зиёди давлатҳои рушдёбандаи қитъаи Осиё хос аст, ба мушоҳида мерасад.

7. Таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ ва андешаи муҳаққиқини соҳа имконият медиҳад, ки чунин таърифи ҷиноятро пешниҳод намоем: ҷиноят – кирдори зиддиҳуқуқӣ, гунаҳкорона ва муҷозотшавандаест, ки тибқи меъёрҳои шариат, ҳуқуқи урфӣ ва қонунгузории ҷиноятии дунявӣ эътироф гардида, ба пояҳои иҷтимоиву сиёсӣ, мазҳабию авлодӣ ва

иқтисодӣ, амнияти дохилӣ ва хориҷии кишвар, ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин, ба шаклҳои моликияти тибқи қонун иҷозатдодашуда таҷовуз менамояд.

8. Дар ҳуқуқи ҷиноятии муосири ҶИА масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ дар баробари таснифи ҷиноятҳо тибқи ҳуқуқи урфии қавмҳо, меъёрҳои шариат ва қонунгузории дунявӣ ба танзим дароварда мешаванд. Муқаррароти умумие, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асоси он амал карда мешавад, он аст ки ҷазо дар сурате ба шахси содиркунандаи ҷиноят татбиқ шуда метавонад, ки мавсуф дорои ҷавобгарӣ бошад. Барои шинохти беҳтари ҷавобгарӣ бояд мафҳуми он аз ақидаҳои мухталиф сарфи назар аз ихтилофоти мавҷуд дар ироаи таърифи ягонаи он аз назари ахлоқӣ, иҷтимоӣ, мантиқӣ, равонӣ, фиқҳӣ, ҳуқуқӣ ва қонунӣ мавриди таҳлил қарор гирад, то ин ки ҳар фард аз кирдори худ ва оқибатҳои он ва дар баъзе мавқеъҳо аз кирдори дигарон ва оқибатҳои он воқиф бошанд.

9. Низоми ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии ҶИА чандон муназам нест. Намудҳои гуногуни ҷазои низоми мазкур ҳам дар тамоми меъёрҳои иҷтимоӣ, ба монанди шариат, ҳуқуқи урфӣ, қонунҳои дунявӣ ва ҳам дар дигар санадҳои меъёрии ба қонунҳои ҷиноятӣ ҳамроҳ нашудаи дигар соҳаҳои ҳуқуқ ифода ёфтаанд. Мақсади ҷазо мувофиқи муқаррароти КҶ ҶИА ва мактабҳои ҳуқуқии амалкунанда аз пешгирӣ аз ҷиноят, ислоҳи ҷинояткор, ризоияти ҷабрдидаи ҷиноят, баргардонидани интизом дар ҷомеа, сазо додани ҷинояткор ва таъмини адолат иборат аст.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА ҷамъбаст ва густариш медиҳанд. Муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми тадқиқоти минбаъдаи институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА - ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо истифода шуда метавонанд. Дар диссертатсия мафҳум ва таснифоти ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва

асосҳои он, инчунин, ҷазо ва чораҳои бехатарӣ таҳлил ва омӯхта шудаанд. Ҳамин тавр, аз рӯи натиҷаҳои бадастомада ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, махсусан, институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА саҳми сазоворро гузорад ва камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф хоҳад кард.

Натиҷаҳои диссертатсия ба такмили қонунгузории ҷиноятии Афғонистон равона карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои ошкор ва дар амалия дуруст татбиқ намудани институтҳои ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо самаранок истифода карда шавад.

**Аҳамияти амалии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самти такмили минбаъдаи қонуни ҷиноятӣ ва қонунгузории давлати Афғонистон ҳангоми татбиқи институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА - ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо мавриди истифода қарор дода шаванд.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия коркард карда шудаанд, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқоти минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Афғонистон баромад намоянд. Онҳо барои ҷустуҷӯйи шаклҳои самараноки татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ дар самтҳои гуногун, аз ҷумла таносуби меъёрҳои фиқҳӣ бо қонунгузории ҷиноятӣ, таснифоти ҷазоҳои ҷиноятӣ ва маҳакҳои он, муайян намудани алоқамандии байни ҷазоҳои ҷиноятӣ метавонанд мусодат намоянд. Хулоса ва натиҷаҳои тахқиқоти диссертатсиониро муҳаққиқоне, ки ба таҳқиқи масоили Афғонистон рағбат доранд, ба таври васеъ метавонанд истифода намоянд.

Ҳамчунин аз натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ», «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ», курсҳои махсуси бахшида ба масоили гуногуни сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва

илмии Тоҷикистону Афғонистон метавон ба таври васеъ истифода бурд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима омода ва муҳокима шудааст.

Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, инчунин дар заминаи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии он дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Оид ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 22 мақоллаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Азимӣ, С.Ҷ. Унсурҳои (элементҳои)-и ташкилдиҳандаи ҷиноят// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 2/2. – С. 258–266.

2. Азимӣ, С.Ҷ. Дифои машруъ (қонунӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 2/3. – С. 235–240.

3. Азимӣ, С.Ҷ. Нигоҳи ҷурмшиносона ба таъсири ҷинсият дар рух задани ҷиноят // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 2/4. Қисми II. – С. 251–254.

4. Азимӣ, С.Ҷ. Мафҳумҳои мухталифи масъулият // Маҷалаи академиии ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – № 3–4 (23–24). – С. 132–147.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

5. Азимӣ, С.Ҷ. Таълимоти ҷиноятшиносӣ ва коҳиши он // Маҷалаи электронии «Рушди устувор». – Душанбе, 2016. – № 1 (4–12). – С.6–10.

6. Азимӣ, С.Ҷ. Омузиши ҷиноятшиносӣ дар макотиби олӣ // Маҷалаи электронии «Рушди устувор». – Душанбе, 2016. – № 1 (4–12). – С. 10–14.

7. Азимӣ, С.Ҷ. Мафҳуми мухталифи ҷурм (гуноҳ) // Маҷалаи электронии «Рушди устувор». – Душанбе, 2016. – № 1 (4–12). – С. 18–25.

8. Азимӣ, С.Ҷ. Таълимоти фасоди идоравӣ-омили барканории дуздӣ // Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди устувори иқтисодиёни инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва Полша» (23–24 декабри соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 349–351.

9. Азимӣ, С.Ҷ. Нақши урф дар ҳуқуқи башардустонаи байналмилалӣ // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 3, қисми 2, 2013. – С. 68–78.

10. Азимӣ, С.Ҷ. Аркон ва шароити никоҳ аз назари фиқҳ ва қонуни маданӣ // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми ичтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – 2008. – № 3. – С. 45–56.

11. Азимӣ, С.Ҷ. Мурури замон дар даъвои ҷазоӣ // Маҷалаи Пуҳантуни Балх. – № 2, қисми 3, 2002. – С. 75–85.

12. Азимӣ, С.Ҷ. Ихтилофоти хонаводагӣ ва роҳҳои ҳалли он // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми ичтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 4, 2016. – С. 27–43.

13. Азимӣ, С.Ҷ. Мафҳуми қонунӣ будани ҷароим ва ҷазоҳо // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми ичтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 2, 2017. – С. 1–11.

14. Азимӣ, С.Ҷ. Мафоҳими мухталифи масъулият // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми ичтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 3, 2016. – С. 1–20.

15. Азимӣ, С.Ҷ. Аҳдофи муҷозот // Маҷалаи Пуҳантуни Балх. – № 1–2, 2006. – С. 24–34.

16. Азимӣ, С.Ҷ. Тафриқ (муторикаи қазоӣ) // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми ичтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 1, 2013. – С. 39–53.

17. Азимӣ, С.Ҷ. Таъсири муҳит болои муҷримият // Маҷалаи Пуҳантуни Балх. – № 4, 2005. – С. 149–161.

18. Азимӣ, С.Ҷ. Ҳуқуқи дифои машруъ аз назари уламо ва қонуни ҷазои Афғонистон // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми ичтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 1–2, 2009. – С. 105–117.

19. Азимӣ, С.Ҷ. Аносири ташкилдиҳандаи ҷурм // Маҷалаи Пуҳантуни Балх. – № 1, 2016. – С. 13–36.

20. Азимӣ, С.Ҷ. Дастрасии атфоли мутахаллиф ба адолат // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми ичтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 4, 2011. – С. 49–74.

21. Азимӣ, С.Ҷ. Сайри торихии ваколати даъво // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми ичтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 1, 2016. – С. 23–37.

22. Азимӣ, С.Ҷ. Сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва таносуби онҳо // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 600–605.

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимӣ Саломат ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Ҳамин тавр,

**қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Азимӣ Саломат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии

ҷиноятӣ ва ҷазо» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Азимӣ Саламат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» - 17 нафар, «зид» ё «бетараф» - нест, суратмаҷлиси №7 аз «20»-уми феврали соли 2021.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И.

**Котиби ҷаласа:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
н.и.ҳ. Холиқзода Ш. Л.

Имзои А.И. Сафарзода ва Ш.Л. Холиқзодаро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.